# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010. №12 тасдиқ карда шудааст

## ДАСТУРАМАЛ
**оид ба тартиб додани ҳисоботи оморӣ дар бораи тағироти маблағ бо асъори хориҷӣ**
**(шакли №1-АХ)**

**1**. ҳисоботро аз реи шакли №1-АХ (асъори хориҷӣ) тартиб медиҳанд:
-ҳамаи субъектҳои хохагидор, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият (аз ҷумла корхонаҳои муштарак), ки дар суратҳисоби худ дар бонкҳо асъори хориҷӣ доранд, минбаъд «ташкилотҳо» номбар карда мешаванд.

Ба ҳамаи ташкилотҳо, ки ба манфиати онҳо асъори хориҷӣ ворид мешавад, дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон ду ҳисоб кушода мешавад:

-ҳисоби асъори транзитӣ барои ба ҳисоб гирифтани ҳаҷми пурраи мадохилот бо асъори хориҷӣ

-ҳисоби ҷории асъор барои ба ҳисобгирии маблағе,ки дар ихтиёри ташкилот баъди амалӣ кардани фурӯши ҳатмии қисми асъори содиротӣ аз ҳисоби асъори транзитӣ мемонад ва маблағе,ки бевосита ба ҳисобҳои асъории ташкилот ворид мешавад

**2**. ҳисобот барои ҳар семоҳа алоҳида тартиб дода мешавад. Дар ҳисобот ҷамъбасти ҳамаи амалиётҳои асъорӣ, ки дар давраи ҳисобот анҷом дода мешаванд, оварда мешавад.

**3.**Нишондиҳандаҳо бо ҳазор доллари ИМА бо як аломати даҳӣ нишон дода мешаванд.
ҳамаи нишондиҳандаҳои ҳисобот (аз он ҷумла бақияи то давраи аввали ҳисоботи семоҳа) бо доллари ИМА мувофиқи қурби охирони асъор дар ин семоҳа бозҳисоб карда мешаванд.

Ба ҳисобот ҳамчунин асъори миллии мамлакатҳои ИДМ дохил карда мешавад.

**4.** ҳисобот аз 4 фасл иборат аст:
Фасли I: Маблағ бо асъори хориҷӣ дар ҳисобҳои асъории транзитӣ ;
Фасли II: Маблағ бо асъори хориҷӣ дар ҳисобҳои ҷории асъор.
Фасли III: Маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо дар ҳисобҳои асъории дар хориҷа буда.
Фасли IV: Фурӯши ҳатмии асъор.

Дар вақти тартиб додани ҳисобот ташкилотҳо маълумоти ҳисобҳои транзитӣ ва ҷории асъории худро дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти бонкҳои хориҷӣ (аз ҷумла бонкҳои мамолики ИДМ) дар бораи маблағи мавҷудаи асъори дар ҳисобҳои ташкилотҳои дар хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд истифода баранд.

**5.** Дар сутуни 1 маълумот оиди гардиши ҳамаи маблағ бо асъори хориҷӣ оварда мешавад.
**6. Фасли I** дар асоси рӯйхати ҳисобҳои асъории транзитӣ аз бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон навишташуда пур карда мешавад.

**Дар сатри 001** бақияи маблағ бо асъори хориҷии ҳисобҳои транзитӣ дар аввали давраи ҳисоботи семоҳа нишон дода мешавад.

Ин нишондиҳанда ҳар семоҳа аз рӯйхати ҳисоби асъории банк гирифта мешавад ва бо доллари ИМА бозҳисоб карда мешавад.

**Дар сатри 002** маълумот дар бораи ҳамаи мадохилоти асъори хориҷӣ ба ҳисобҳои асъории транзитии ташкилот, тарҳи маблағҳое ,ки аз ҳисоби транзитии як ташкилот ба ҳисоби транзитии дигар ташкилот гузаронида шудаанд, оварда мешавад.

Ба ҳисобот маблағҳое,ки танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, дохил карда мешаванд.

**Дар сатри 003,004** маълумот дар бораи мадохилоти маблағҳои асъори аз содироти маҳсулот ва хизматрасонӣ, аз он ҷумла воридшавии асъор аз мамолики ИДМ нишон дода мешавад.

**Дар сатри 005** маълумот дар бораи дигар мадохилоти малағҳои асъорӣ нишон дода мешаванд.

Ба онҳо метавонанд дохил шаванд: мадохилот дар намуди ҳаққи узвият ба фонди оиномавӣ аз ташкилотҳои хориҷӣ, ҳамчунин дигар даромадҳо (ҳаққи саҳм)-е,ки аз ширкат ба сармояи хориҷӣ гирифта шудааст, мадохилот аз фурӯши қоғазҳои қиматнок ба ташкилотҳои хориҷӣ, ҳамчунини даромадҳо (ҳаққи саҳм) аз реи қоғазҳои қиматнок; мадохилот дар намуди қарзҳои халбшуда (амонат,маблағгузорӣ) аз тарафи ташкилотҳои хориҷӣ, ҳамчунин дигар маблағҳои асъорӣ,ки барои пардохти қарзҳои пешниҳодшуда ворид шуданд,аз он ҷумла фоизҳои ҳисоб кардашуда; мадохилот дар намуди хайрот барои мақсадҳои хайрия аз ташкилотҳои хориҷӣ, маблағ барои иҷро намудани шартнома ва ғайра.

**Дар сатри 010** маблағи умумии асъори хориҷӣ,ки аз ҳисоби асъори транзитӣ барои фурӯши ҳатмӣ дар бозори дохилии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисобҳои ҷории асъори ташкилотҳо гузаронида шудааст ва дигар маблағҳои гузаронидашуда нишон дода мешавад.

**Дар сатри 011** нишон дода мешавад:-фурӯши ҳатмии қисми даромади асъор аз содироти мол (кор, хизматрасонӣ) дар бозори дохилии асъор.

ҳангоме,ки миёнаравон,бо фармони ташкилотҳо фурӯши ҳатмии қисми даромади асъори содиротиро аз ҳисоби транзитии худ, амалӣ мекунанд, онҳо бояд ин маблағро дар ҳисоботашон нишон диҳанд.

Мукофоти комиссионӣ,ки миёнарав ба манфиати худаш гузаронида аст, ба сифати даромади содирот ба ҳисоби транзитиаш дароварда мешавад ва як қисми он низ мувофиқи тартиботи муқараршуда ба фурӯши ҳатмӣ дахл дорад.

**Дар сатри 012** нишон дода мешавад: маълумот оиди маблағҳои асъорӣ,ки ба ҳисобҳои ҷории асъори ташкилотҳо баъд аз фурӯши ҳатмии қисми даромади содиротӣ гузаронида шудааст:

**Дар сатри 013** нишон дода мешавад: маълумот оиди дигар маблағҳои асъори гузаронидашуда,ғайр аз маблағҳое,ки аз ҳисоби транзитии як ташкилот ба ҳисоби транзитии дигар ташкилот гузаронида шудааст.

**Дар сатри 020** бақияи маблағи асъори ҳисобҳои транзитии ташкилотҳо дар охири ҳисоботи семоҳа нишон дода мешавад.

Барои ташкилотҳое,ки ҳамаи маблағҳои асъории аз хориҷа воридшавандаро на ба ҳисобҳои транзитӣ балки ба ҳисобҳои ҷории асъорӣ дохил кардан ва аз онҳо фурӯши ҳатмии як қисми даромад иҷозат дода шудааст, ҳисобот ба таври зерин пур карда мешавад:

## фасли I

**Сатри 001**-пур карда намешавад.

**Дар сатри 002** маблағи умумии асъори аз хориҷа,аз ҷумла аз мамолики ИДМ дохил шуданд, нишон дода мешаванд ва мувофиқан ин маблағ дар моддаҳои мадохилот **(сатрҳои 003,004,005)** нишон дода мешавад;

**Дар сатри 010** худи ҳамон маблағи сатри 002 (ҷамъи ҳамаи мадохилот аз хориҷа) нишон дода мешавад;

**Дар сатри 011** маблағи фурӯши ҳатмии як қисми даромади асъори аз содироти мол (кор, хизматрасонӣ) дар бозори дохилии асъор нишон дода мешавад;

**Дар сатри 012** бояд ҷамъи маблағи ба ҳисобҳои асъори ҷорӣ «гузаронидашуда» ҳамчун фарқияти сатри 010 тарҳи 011 нишон дода шавад;

**Сатрҳои 013,020** пур карда намешаванд;

**Фасли II,** ташкилотҳои дар боло зикршуда мувофиқи ҳамин дастурамал ба истиснои маблағи фурӯши ҳатмии як қисми даромади асъорӣ **(сатри 011)** аз модаҳои «мадохилот» ва «харочот»-ӣ маблағи асъориро аз реи ҳисоби ҷорӣ пур мекунанд.

**Фасли II-ро** ҳамаи ташкилотҳо дар асоси маълумоти ҳисоботҳои ҷории асъор пур мекунанд.

**Дар сатри 030** бақияи маблағ бо асъори хориҷӣ (аз он чумла маблагхои бетағйир) дар ҳисобҳои ҷории ташкилотҳо то саршавии ҳисоботи семоҳа нишон дода мешавад

Ин нишондиҳанда ҳар семоҳа аз руйхати ҳисоби асъори дар банкҳо буда гирифта мешавад.

**Дар сатри 031** маълумот оиди ҳамаи намудҳои мадохилоти асъори хориҷӣ ба ҳисобҳои ҷории худи ташкилотҳо дар семоҳа бо чунин шарҳ дар сатрҳои 032-036, 038-040 оварда мешавад.

**Дар сатрҳои 032,033** маълумот дар бораи мадохилоти маблағи асъори хориҷи аз содироти маҳсулот ва хизматрасонӣ, аз чумла мадохилоти асъор аз мамолики ИДМ оварда мешавад.

**Дар сатри 034** маблаги мукофотҳои комиссионӣ ,ки ба ҳисоби ҷории ташкилот барои амалӣ кардани фаъолияти миёнаравӣ гузаронида шуданд,нишон дода мешавад.

**Дар сатри 035** маълумот оиди мадохилоти маблағи асъори ба ҳисобҳои ҷории миёнаравон аз ташкилотҳои дигар барои амалӣ кардани фаъолияти иқтисодии беруна (хариди маҳсулоти воридшуда, хизматрасонӣ ва ғайра) оварда мешавад.

**Дар сатри 036** маблағи карзҳои молиявии бо асъор гирифташуда (қарзҳое,ки ба воситаи бонкҳо пешниҳод мешаванд ва дар ҳисобҳои асъор нишон дода мешаванд) ва ба ҳисоби ҷории асъор дохил шудаанд нишон дода мешавад.

**Дар сатри 037** аз маблағи умумии карзҳои молиявии бо асъор гирифташуда, карзҳои аз тарафи ташкилотҳои хориҷа пешниҳодшуда худо карда мешаванд.

**Дар сатри 038** маблағи фоизҳо барои қарзҳои молиявии пешниҳодшуда,ки ба ҳисобҳои ҷорӣ дохил карда шудаанд,нишон дода мешаанд.

**Дар сатри 039** маблағҳои асъорӣ,ки аз тарафи ташкилот дар бозори дохилии асъор бавоситаи,бонкҳои ваколатдор харида шуданд, нишон дода мешаванд.

**Дар сатри 040** маълумот оиди мадохилоти дигари маблағҳои асъорӣ ба ҳисобҳои ҷории асъор оварда мешавад.

Ба онҳо дохил мешаванд: мадохилот дар намуди ҳаққи узвият ба фонди оинномавӣ; даромадҳо (ҳаққи саҳм),ки аз ширкат дар сармояи хориҷӣ гирифта шудаанд, мадохилот аз фуруши коғазҳои қиматнок ба асъор, инчунин даромадҳо (ҳаққи саҳмия) аз реи қогазҳои қиматнок, хайрот бо асъор, маблағҳо барои иҷрои шартнома ва ғайра.

**Дар сатри 045** маълумот оиди ҳаҷми умумии маблағи асъори харҷкардаи ташкилотҳо нишон дода мешавад.

Дар мавриди иваз кардани маблагхои асъории *бетағйир* бо вомбаргҳои асъорӣ, ҷамъи ин маблағ бояд дар моддаи мазкур нишон дода шавад.

**Дар сатрхои 046,047** оаварда мешаванд: маълумотҳо оиди хароҷоти маблағҳои асъорӣ барои ворид намудани маҳсулот ва хизматрасонӣ,аз он ҷумла хароҷоти асъор барои хариди маҳсулот ва хизматрасонӣ аз мамолики ИДМ.

**Дар сатри 048** чамъи маблағҳои асъорӣ,ки барои пардохти қарзҳои молиявӣ гузаронида шудаанд, нишон дода мешавад.

**Дар сатри 049** маблағи фоизҳои пардохтшуда барои карзҳои молиявии гирифташуда нишон дода мешавад.

**Дар сатри 050** ҷамъи маблағҳои асъорӣ,ки ташкитлотҳо дар бозори дохилии асъор ба воситаи бонкҳои ваколатдор аз ҳисоби ҷорӣ фурӯхтаанд, нишон дода мешавад.

**Дар сатри 051** маълумот оиди маблағи харҷшуда барои дигар намудҳои фаъолияте,ки ба хароҷоти мазкур дохил нестанд,оварда мешаванд.

Ба онҳо хароҷоти хариди қоғазҳои қиматнок ва пардохти ҳаққи саҳмия аз коғазҳои қиматнок бо асъор, маблағи ҳисобкардашуда дар намуди ҳаққи узвият ба фонди оинномавӣ бо асъор ,хайрот бо мақсади хайрхоҳона бо асъор, маблағи ҳисоб кардашудаи комиссионӣ, фарқияти қурби пул, ҷамъи маблағҳои бетағйири асъорӣ, ки ба ивазкунӣ бо вомбаргҳои асъорӣ дахл доранд,дохил мешаванд.

Дар сатри 060 ҷамъи маблағи асъори хориҷӣ ,ки дар ҳисобҳои ҷории ташкилотҳо дар охири ҳисоботи семоҳа мондааст,нишон дода мешавад.

**8. Фасли III** дар асоси иттилооти бонкҳои хориҷӣ (аз он ҷумла бонкҳои мамолики ИДМ ) оиди мавхудияти маблағи асъорӣ дар ҳисобҳои ташкилотҳо дар хориҷа пур карда мешавад.

**Дар сатри 070** бақияи маблағи асъори хориҷӣ дар аввали давраи ҳисоботи семоҳа нишон дода мешавад.

**Дар сатри 071** ҷамъи маблағи асъори хориҷӣ дар давоми давраи хисобот дохилшуда нишон дода мешавад.

**Дар сатри 072** ҷамъи маблағи асъори хориҷӣ, ки дар давраи ҳисобот харҷ шудааст, нишон дода мешавад.

**Дар сатри 073** бакияи маблағи асъори хориҷӣ дар охири давраи хисобот нишон дода мешавад.

**9. Дар фасли IV** дар сатри 080 маблағи фурӯши ҳатмии асъор ба банкҳои ваколатдор нишон дода мешавад.

10. Хисоботро роҳбари ташкилот имзо мекунад, поёнтар рақами телефон ва ному насаби тартибдиҳандаи ҳисобот оварда мешавад.

11. Ташкилотҳо ҳисоботро ба мақомоти омории вилоятӣ, ноҳиявии маҳалли чойгирифтаи ташкилоти ҳисоботдиҳанда дар санаи 8 баъди давраи ҳисобот пешниҳод мекунанд.

12. Мақомоти омори вилоятӣ ,ноҳиявӣ маълумотҳои аз ташкилотҳои маҳалӣ гирифташударо,ки дар ҳудуди онҳо карор доранд, назорат ва чамъбаст карда, ба суроғаи МКҲ Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд, умуман оид ба вилоят дар соҳаҳои хохагии халқ ва дар корхонаҳо тартиб дода мешавад.

Дар охири ҳисобот бояд шумораи ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда нишон дода шавад.

13. Барои дурустии иттиолоот ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот раҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда ҷавобгар аст.